«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»
Ректори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, профессор
Насриддинзода Э.С.
____________________
«_6_» _06_ 2024

# ХУЛОСАИ
# ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН

Диссертатсияи Искандари Ориф дар мавзуи «Масъалаҳои интисоби ашъори Абдуллоҳи Ансорӣ ва хусусиятҳои ғоявию бадеии онҳо» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.01.01 - Адабиёти тоҷик; равобити адабӣ дар кафедраи таърихи адабиёти тоҷики факултети филологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ба анҷом расидааст.

**Искандари Ориф** соли 2015 факултети филологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистонро аз рӯйи ихтисоси забон ва адабиёти тоҷик хатм кардааст. Соли 2016 ба аспирантураи назди кафедраи таърихи адабиёти тоҷики факултети филологияи ДМТ дохил шуда, пажӯҳиши худро дар мавзуи «Масъалаҳои интисоби ашъори Абдуллоҳи Ансорӣ ва хусусиятҳои ғоявию бадеии онҳо» ба роҳ мондааст. Аз октябри ҳамон сол корро ба ҳайси муҳаррир дар Сарредаксияи илмии Энсиклопедияи Миллии Тоҷик оғоз карда, айни замон дар вазифаи мудири редаксия фаъолият дорад.

Диссертатсияи Искандари Ориф дар ҷаласаи кафедраи таърихи адабиёти тоҷики Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (аз 04.06.2024, Суратмаҷлиси № 13) муҳокима ва ба ҳимоя пешниҳод шудааст.

Роҳбари илмӣ: **Мисбоҳиддини Нарзиқул** - доктори илмҳои филологӣ, профессор.

Мавзуи диссертатсияи номзадӣ дар шурои илмии факултети филологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз 29.01.2016, қарори №5 тасдиқ шудааст.

Донишгоҳи миллии Тоҷикистон санаи 30.05.2024, №81 ба аспирант Искандари Ориф маълумотнома оид ба супоридани имтиҳонҳои номзадӣ додааст.

**Аз муҳокимаи диссертатсия чунин натиҷагирӣ карда шуд:**

Масъалаҳои интисоб ва таъйини хусусиятҳои ғоявию бадеии ашъори шоирони ҷудогона дар илми адабиётшиносӣ аз ҷумлаи мабоҳиси баҳсталаб ва муҳимме мебошанд, ки ҳалли дурусти онҳо дар шинохти чеҳраи шоирӣ ва асолати ҳунарии коргоҳи эҷодии шоирон муҳим мебошанд. Дар таърихи адабиёти тоҷик шоироне ҳастанд, ки дар хусуси интиҷоби баъзе навъҳои шеърӣ ба онҳо миёни адабпажӯҳон назари ягона вуҷуд надорад. Аз ҷумлаи чунин шоирон яке Абдуллоҳи Ансорӣ мебошад, ки масъалаи таъйини асолати ашъори мансуб ба ӯ ва таҳқиқи хусусиятҳои ғоявию бадеии онҳо дар диссертатсияи Искандари Ориф ба таври фарогир таҳқиқ шудааст.

Аз баррасии таълифоти манзуму мансури Абдуллоҳи Ансорӣ ва шеваи нигорандагиаш чунин натиҷагирӣ кардан мумкин аст, ки ӯро бояд ба сифати яке аз адибони соҳибсабк эътироф кард. Пайванди назм бо наср дар таърихи насри тоҷик аз ибтикороти ҳамин шоир буда, баъдтар ин равиш дар эҷодиёти Саъдӣ ва пайравони вай ба авҷи такомул мерасад. Бо вуҷуди ин, чеҳраи адабии ин адиби навовар то ҳанӯз ба дурустӣ шинохта нашудааст. Шинохти ҳувийяти адабии Ансорӣ аз масъалаҳои баҳсталабест, ки дар меҳвари мабҳаси мазкур муносибати ӯ ба шеъру шоирӣ қарор мегирад. Аз доираи баҳси масъалаи мазкур дар диссертатсия бармеояд, ки дар мадхали ин баҳс ахбори китобу сарчашмаҳои асримиёнагӣ ҷой дошта, бо такя ба андешаҳои адабпажӯҳони муосири ватанию хориҷӣ таҳқиқи ҳамаҷониба ба роҳ монда шудааст.

Яке аз хусусиятҳои муҳимми таҳқиқи анҷомшуда аз он иборат аст, ки дар он ба ғайр аз муайян намудани чеҳраи адабии шоир, ҳамчунин, асолати шеърҳои Абдуллоҳи Ансорӣ ва масъалаи интисоби онҳо, заминаҳои шоиронагии каломи адиб, вежагиҳои сабкию муҳтавоӣ ва хусусиятҳои ғоявию бадеии ашъори шоир мавриди пажӯҳиш қарор гирифтааст. Таҳқиқ ва таъйини заминаҳои шоиронагии каломи Абдуллоҳи Ансорӣ, ки аз муҳимтарин бахшҳои диссертатсия ба шумор меравад, бар мабнои се асли заминасоз баррасӣ гардида, дар идома масъалаи интисоби ашъор ба Ансорӣ ва муайян намудани хусусиятҳои ғоявию бадеии онҳо мавриди пажӯҳиши илмӣ қарор гирифтааст.

Муаллиф барои ҳалли дурусти масъала дар диссертатсия бо истифода аз нигоҳи равишшиносии адабпажӯҳии ҷадид, аз ҷумла равишҳои маъмули таҳқиқ дар адабиётишиносии муосири тоҷик корро ба анҷом расонидааст.

Доираи афкору равишҳои маърифатии Абдуллоҳи Ансорӣ хеле фарох буда, дар қолаби осори илмию адабӣ матраҳ гардидаанд, ки ҳар кадом ба таври алоҳида шоистаи омӯзишу таҳқиқанд. Аз ҷумла, асарҳои бадеии мутафаккир хазинаи маърифатиеро мемонанд, ки онҳоро метавон аз зовияҳои гуногун мавриди баррасӣ қарор дод. Аммо масъалаи муҳимме, ки ба омӯзиш ва баррасӣ ниёз дорад, таҳқиқи масъалаҳои марбут ба интисоб ва хусусиятҳои ғоявию бадеии ашъори Абдуллоҳи Ансорӣ мебошад, ки барои таҳқиқи ҷанбаҳои маърифатӣ ва орову афкори адиб, ки дар қолаби каломи манзум ифода шудаанд, заминаи мусоидро фароҳам меоварад. Аҳаммият ва зарурати интихоби мавзуи диссертатсия аз нукоти мазкур бармеояд.

Дар диссертатсия дар баробари таҳқиқу муайян намудани ҷойгоҳи адабии Абдуллоҳи Ансорӣ осори бадеии ӯ, ки дар қолаби назм навишта шудаанд, мавриди пажӯҳиши илмӣ қарор гирифтааст. Азбаски девони шоир то ба замони мо боқӣ намондааст, асосан, таҳқиқот бар мабнои ашъоре сурат гирифтааст, ки аз дохили осори насрии адиб берун оварда шудаанд ва теъдоди абёти ашъори мазкур аз рӯйи маълумоти овардаи муҳаққиқони дар ин боб ба таври зайл дастабандӣ шудааст: 1. осоре, ки худи Ансорӣ навиштааст; 2. осоре, ки шогирдони Ансорӣ аз гуфторҳои ӯ имло кардаанд, яъне амолиҳо ва 3. осоре, ки ба ӯ нисбат медиҳанд. Дар раванди таҳқиқ

тамоми осори мансури Ансорӣ, ки дар онҳо ашъори ӯ мундариҷанд ва ҳамчунин, асарҳои назарии ӯ, ки барои муайян кардани афкори адиб муҳимманд, ба доираи таҳқиқ кашида шудаанд.

Мавзуи диссертатсия ба доираи мавзуъ ва масъалаҳои таҳқиқие, ки дар **шиносномаи ихтисоси илмии 10.01.01 - Адабиёти тоҷик; равобити адабӣ** нишон дода шудаанд, комилан **мувофиқат мекунад.** Муҳтавои диссертатсия ва натиҷаҳои он ба мавзуи таҳқиқӣ иртиботи ногусастанӣ доранд.

**Мавзуи диссертатсия** ба «Самтҳои афзалиятноки таҳқиқоти илмӣ ва илмию техникӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025», ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26-уми сентябри соли 2020, №503 тасдиқ шудааст, **мутобиқат дорад.** Илова бар ин, ба маводди диссертатсия зимни пажӯҳиши мавзуъ ва масъалаҳои гуногуни таърихи адабиёти тоҷик, адабиёти ҷаҳон, адабиёти халқҳои ИДМ, робиташиносӣ ва таърихи тарҷума метавон такя кард.

Муаллифи диссертатсия масъалаи интисоби ашъори Абдуллоҳи Ансорӣ ва хусусиятҳои ғоявию бадеии онро **ҳадафи асосии таҳқиқ** қарор дода, дар асоси сарчашмаҳо ва осори таҳқиқии дар ин боб мавҷуд масъалаи мазкурро мавриди омӯзиши ҳамаҷониба қарор додааст. Барои ҳалли масъалаи мазкур ва расидан ба ҳадаф муаллифи диссетатсия иҷрои чунин вазифаҳоро муҳим мешуморад:

- таҳқиқи асолати шеърҳои Абдуллоҳи Ансорӣ ва масъалаи интисоби онҳо;
- баррасии зикри ашъори дар сарчашмаҳои асримиёнагӣ омадаи Абдуллоҳи Ансорӣ ва ашъори тамассулӣ дар осори мансури ӯ;
- омӯзиши рубоиёти сайёр ва кӯшиши ҳалли масъалаи интисоби онҳо ба Ансорӣ;
- таҳқиқ ва таъйини заминаҳои шоиронагии каломи Абдуллоҳи Ансорӣ;
- ҳаҷми ашъори шоир ва табақабандии онҳо ба анвои адабӣ;
- баррасии рубоиёти шоир аз назари мундариҷаи ғоявӣ;
- таҳқиқи ғазалиёти шоир аз ҷиҳати мазмуну муҳтаво;
- таҳқиқи вежагиҳои асосии забон ва сабки баён дар ашъори шоир;
- муайян кардани авзон, қофия, радиф ва санъатҳои бадеии маъмулу сабксоз дар ашъори Абдуллоҳи Ансорӣ.

Ба сифати мавод ва ё **сарчашмаҳои таҳқиқ** осори манзуму мансури адабиёти садаи XI форсии тоҷикӣ дар мисоли эҷодиёти яке аз намояндагони бузурги ин давр Абдуллоҳи Ансорӣ фаро гирифта шудааст. Истифодаи зиёди сарчашмаҳо, аз ҷумла тазкираҳо ва осори таърихии марбут ба зиндагӣ ва фаъолияти эҷодии Абдуллоҳи Ансорӣ, ҳамчунин, асарҳои манзуму мансури ӯ аз маводди фароҳамомадаи ин мабҳасанд.

Илова бар ин, дар диссертатсия аз корҳои муҳаққиқон низ истифода шудааст, ки мушаххасоти онҳо дар бахши «Китобнома» оварда шудаанд. Ҳамзамон, бо тақозои мавзуи баҳс, осори манзуми Абдуллоҳи Ансорӣ (махсусан, рубоиёт) дар муқоиса бо рубоиёти шоирони дигари ҳамзамон ва наздик ба замони ӯ, ба монанди Абусаъиди Абулхайр, Бобо Тоҳир, Саноии

Ғазнавӣ, ҳамчунин, шоирони баъд аз ӯ, ба монанди Фаридуддини Аттор, Мавлоно Ҷалолиддин Балхӣ, Авҳадуддини Кирмонӣ ва дигарон мавриди таҳқиқ қарор дода шудааст.

**Асосҳои назарӣ ва методологии** диссертатсияро асарҳои илмию назарии муҳаққиқони ватанию хориҷӣ, аз қабили В.А. Жуковский, Е.Э. Бертелс, В.В. Виноградов, Г.Н. Поспелов, Г.Л. Абрамович, Ч. Стори, Ю. Якубовский, Серж де Буркуй, М. Баҳор, З. Сафо, А. Зарринкӯб, Ш. Кадканӣ, М. Муин, Ҷ. Ҳумоӣ, Т. Пурномдориён, С. Шамисо, М. Футӯҳӣ, Х. Мирзозода, А. Афсаҳзод, Х. Шарифов, Р. Мусулмониён, К. Олимов, А. Насриддинов, А. Абдусаттор, Б. Мақсудов, М. Нарзиқул, М.З. Низомӣ ва дигарон ташкил додааст.

**Нововарии диссертатсия.** Дар диссертатсияи баррасишаванда аввалин бор таҳқиқи монографӣ дар мавзуи инстисоби ашъори Абдуллоҳи Ансорӣ ва хусусиятҳои ғоявию бадеии онҳо сурат гирифта, дар он масъалаҳои зерин, ки мабоҳиси аслии таҳқиқро ташкил додаанд, мавриди таҳқиқ қарор гирифтаанд: интисоби ашъор ва заминаҳои шоиронагии каломи Ансорӣ, мундариҷаи ғоявӣ, хусусиятҳои бадеӣ ва мухтассоти ҳунарии ашъори Абдуллоҳи Ансорӣ.

Моҳияти илмии таҳқиқ ва нововариҳои он дар он мушаххас мешавад, ки масъалаҳои интисоби ашъор ва хусусиятҳои ғоявию бадеии ашъори Абдуллоҳи Ансорӣ дар инсиҷом ба мабоҳиси сабкию воситаҳои тасвири бадеӣ мавриди таҳқиқ қарор дода шудаанд, ки то кунун масъалаҳои мазкур дар адабиётшиносии тоҷик ба таври мукаммалу ҳамаҷониба таҳқиқ нашудаанд.

Дигар вежагии кори таҳқиқӣ дар он зоҳир мегардад, ки муаллиф перомуни масъалаҳои асосии матраҳшаванда ҷусторҳои илмии бисёрпаҳлу анҷом дода, бо далелҳои равшан оид ба масъалаи интисоби ашъор баҳс ба миён оварда, муҳимтарин хусусиятҳои жанрӣ ва асоситарин вежагиҳои мавзуии осори манзуми Абдуллоҳи Ансориро таъйин кардааст. Масъалаҳои дар диссертатсия баррасишуда хусусияти актуалӣ дошта, дар адабиётшиносии тоҷик дорои аҳаммияти назарӣ ва амалӣ мебошанд. Дар ин кор заҳмати чандинсолаи диссертант, ки ба пажӯҳиш ва ҷамъоварии ашъори Абдуллоҳи Ансорӣ ва мураттаб сохтани онҳо машғул гардида, оид ба муаррифии шахсият, мероси адабӣ ва нақши адиб дар таърихи фарҳангу адаби тоҷикӣ таҳқиқот анҷом додааст, фароҳам омадааст. Аз ҷустуҷӯҳои муаллиф ошкор мегардад, ки нақши Абдуллоҳи Ансорӣ дар ташаккули рубоиёти суфиёна ва ҳамчунин, насри тасаввуфӣ хеле бузург буда, аксари таълифоти вай ҳамчун асарҳои дорои мухтассоти китобҳои манбаъ ва марҷаъ дар омӯзиши масъалаҳои адабӣ қимати сарчашмаӣ доранд.

Аҳаммияти назариявӣ ва амалии диссертатсияи номзадии Искандари Ориф дар он зоҳир мегардад, ки масъалаҳои назарӣ, равишҳои таҳқиқ ва хулосаҳои муаллиф ҷанбаҳои назарии омӯзишӣ дошта, мавод ва хулосаю натиҷаҳои ба даст омада метавонанд, ки дар рафти таҳлилу таҳқиқи минбаъдаи масъалаҳои интисоби ашъор ва навиштани диссертатсияҳо дар

мавзуъҳои ҳамгун мавриди истифода қарор гиранд. Илова бар ин, мавод ва натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ ҳангоми таҳияи китобҳои дарсӣ, воситаҳои таълимӣ ва курси лексияҳо барои донишҷӯён аз фанни таърихи адабиёти форсу тоҷик метавонанд истифода шаванд.

Мундариҷа ва муҳтавои асосии диссертатсияи Искандари Ориф дар ҳафт мақола, аз ҷумла се мақолаи илмӣ, ки дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ду мақола, ки дар маводи конференсияҳо нашр шудаанд, инъикос ёфта, теъдод ва муҳтавои онҳо ба талаботи таълиф ва таҳияи автореферат ва диссертатсияҳо барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илм мувофиқ мебошанд. Мақолаҳои дар маҷаллаҳои тақризшаванда ба нашррасида ба мавзуи таҳқиқӣ иртиботи бевосита дошта, муҳтавои асосии диссертатсия ва авторефератро инъикос менамоянд ва рӯйхатти онҳо дар зер оварда мешавад:

[1-М]. Нарзиқул, М., Ориф, И. Заминаҳои шоиронагии каломи Хоҷа Абдуллоҳи Ансорӣ / М. Нарзиқул, И. Ориф // Паёми Донишгоҳи Миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе: Сино, 2017. - №4/6. – С. 165-171.

[2-М]. Ориф, И. Ашъори Хоҷа Абдуллоҳи Ансорӣ дар сарчашмаҳои муътамад / И. Ориф // Паёми Донишгоҳи Миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе: Сино, 2020. - №5. – С. 281-287.

[3-М]. Ориф, И. Вазъи забон ва муҳити адабии замони зиндагии Хоҷа Абдуллоҳи Ансорӣ / И. Ориф // Паёми Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ. Бахши илмҳои таърих ва бостоншиносӣ, педагогика ва филология. – 2024. - №1(34). – С. 94-100.

Диссертатсия дар мавзуи «Масъалаҳои интисоби ашъори Абдуллоҳи Ансорӣ ва хусусиятҳои ғоявию бадеии онҳо» ба доираи мавзуъ ва масъалаҳои шиносномаи ихтисоси илмии 10.01.01 – адабиёти тоҷик; равобити адабӣ мувофиқат мекунад.

**Натиҷаҳои таҳқиқро** зимни пажӯҳиш дар самтҳои дигар, аз ҷумла, таърих, фалсафа, эстетика, забоншиносӣ ва ғайра **татбиқ намудан мумкин аст.**

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмиро** дараҷаи дарки масъалаҳои дар диссертатсия баррасишуда, натиҷаҳо ва хулосаҳои асосии кор, муқаррароти ба ҳимоя пешниҳодшуда ва мустақил ифода шудани нуқтаи назари ӯ нисбат ба мавзуи таҳқиқ таъйид мекунанд. Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқ аз он иборат аст, ки ӯ дар диссертатсия равишҳои таҳқиқии муосир, аз қабили муқоисавию таърихӣ, тавсифию таҳлилӣ, таҳқиқию қиёсӣ, таҳлилию оморӣ, консепсияи таҳлили забон ва услуби асари бадеӣ, таҳқиқи типологии жанрҳо ва сохтори асарҳои адабӣ истифода карда, бори аввал ба таври комплексӣ ба масъалаҳои вобаста ба интисоб ва хусусиятҳои ғоявию бадеии ашъори адиб диққати ҷиддӣ дода, дар такя ба матни осори манзуму мансур ҳунари шоирӣ ва маҳорати нигорандагии Абдуллоҳи Ансорӣ низ таҳқиқ шудааст. Илова бар ин, муаллифи диссертатсия хусусиятҳои мавод ва маълумоти сарчашмаҳоро дар муқоиса бо

ҳам баррасӣ кардааст.

**Тасвиби амалии натиҷаҳои таҳқиқ.** Доир ба муҳтавои асосии диссертатсия ва хулосаҳои таҳқиқ муаллиф дар конфронсҳои минтақавӣ, ҷумҳуриявӣ, донишгоҳӣ ва маҳфилҳои илмию амалӣ (солҳои 2017-2024) маърузаҳо пешниҳод кардааст. Бахшҳои асосии диссертатсия дар ҷаласаҳои кафедраи таърихи адабиёти тоҷики Донишгоҳи миллии Тоҷикистон баррасӣ шудаанд.

Хулоса дар ҷаласаи кафедраи таърихи адабиёти тоҷики факултети филологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон қабул гардид.

Иштирок дошт: 15 нафар. Натиҷаи овоздиҳӣ: «тарафдор» - 15 нафар, «зид» нест, «бетараф» - нест, қарори № 13 аз 4.06.2024.

Номзади илмҳои филологӣ, дотсент,
и.в. мудири кафедраи таърихи адабиёти
тоҷики факултети филологияи ДМТ — Наботӣ Р.

Котиби илмӣ,
номзади илмҳои филологӣ, дотсент — Нозимова Г.С.

Имзоҳои Р. Наботӣ ва Г.С. Нозимоваро тасдиқ мекунам:
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон — Тавқиев Э.Ш.

4 июни соли 2024